**Тақриз**

**ба фишурдаи рисолаи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ.–Душанбе, 2025, 55 саҳ.**

Ҷамъоварӣ ва пажуҳиши навъҳои махсуси адабиёти гуфтории тоҷикон барои фолклоршиносон рисолати арзишманду муҳим маҳсуб меёбад. Таҳқиқи масоили гуногуни вобаста ба ҳикмату фарҳанги халқ аз ҷониби фолклоршиносони тоҷик асосан аз солҳои 20-уми садаи гузашта шурӯъ гардида, то имрӯз идома дорад. Дар ин муддат омӯзиши адабиёти гуфторӣ дар илми филологияи тоҷик ба дастовардҳо ва пешравиҳои назаррас ноил гардидааст. Далели равшани гуфтаҳои болоӣ ин ба нашр расидани натоиҷи таҳқиқоти чандинсолаи фолклоршиносони маъруфи тоҷик Р. Амонов, Д. Обидов, Б. Шермуҳаммадов, Б. Тилавов, Р. Аҳмадов, А. Суфиев, Н. Шакармамадов, Р. Раҳмонӣ, Ф. Муродов ва дигарон мебошад. Олимони номбурда дар баробари ба нашр расонидани намунаҳои зиёди эҷодиёти халқи тоҷик, инчунин дар ин замина тадқиқоти муҳимму арзишмандеро ба анҷом расонида, нашр намуданд, ки то имрӯз қиммати илмии худро гум накардаанд.

Бояд тазаккур дод, ки анвои насри халқӣ ва масоили марбут ба он ба гурӯҳи навъҳое дохил мегардад, ки то ба имрӯз ба таври мухтасар ё номукаммал таҳқиқ шудааст, ҳол он ки асотиру ривоят ва ақлу ҳикоят аз қадимтарин осори бадеии халқи тоҷик маҳсуб ёфта, дар ҳаёти маънавии мардум мақоми махсусеро ишғол менамояд.

Аз ин хотир, мавзуи рисолаи илмии Шакармамадов Ориф Нисормамадовичро, ки таҳти унвони «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» иншо шудааст, метавон дар самти муаррифии жанри ривоят аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, арзиши таърихию фарҳангӣ, инъикоскунандаи паҳлуҳои гуногуни ҳаёту афкори мардум дар фолклоршиносӣ як падидаи илмии наву пурмуҳтаво ҳисобид.

Рисола аз муқаддима, се боб бо қисматҳояш, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи гӯяндаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муаллиф дар муқаддимаи фишурдаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи талабот маълумот овардааст.

Шакармамадов О. Н. дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои марбут ба ривоятҳои халқи тоҷик аз рӯйи вижагиҳои жанриаш ба қисмҳои алоҳида ҷудо намуда, дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Шакармамадов О. Н. таҳқиқоти васеъ ва арзишманд доир ба ривоятҳои мардумӣ мебошад. Ба ҳамин хотир унвонҷӯ дар боби аввал муайян намудани истилоҳоти илмии жанри ривоят ва хусусиятҳои асосии онҳоро баррасӣ менамояд. Боби аввал аз се қисм: «Вижагиҳои жанри ривоят», «Тафовути ривоят аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ», «Сохтор ва мавзуи жанри ривоят» иборат буда, ривоятҳо аз ҷиҳати сохтор, мазмуну мундариҷа, бадеият аз тарафи муҳаққиқ ҳаллу фасл гардидаанд.

Дар боби дуюми рисола унвонҷӯ тавассути таҳлилу баррасии ривоятҳо доир ба ашё ва ҳодисаҳои табиат хусусиятҳои жанрии ривоятро аз нигоҳи муҳтаво ва бадеият баръало ошкор месозад. Дар ин боб намунаҳои зиёди ривоятҳо, ки доир ба обу чашма, дарахти чанор ва арча, доир ба кӯлҳо маълумот медиҳанд, зери таҳлили муҳаққиқ қарор гирифта, нисбати ин мавзуъ мавсуф андешаҳои ҷолиб баён намудааст.

Бояд гуфт, ки қисми ниҳоии кор дар боби охир ҷамъбаст гардидааст, ки он хусусияти таърихӣ доштани ривоятҳоро ошкор месозад. Зимни ин таҳлилҳо худи муаллифи рисола бар он ақида аст, ки ҳарчанд дар ривоятҳо хусусияти тахайюлӣ ҷой дошта бошад ҳам, лекин онҳо аз баъзе ҳодисаҳои таърихӣ низ дарак медиҳад. Бесабаб нест, ки баъзе аз муаррихон аз санаду маълумоти ривоятҳои мардумӣ истифода мебаранд.

Шакармамадов О. Н. дар хулосаи рисола андешаҳои ниҳоии худро доир ба масоили таҳқиқнашудаи жанри ривоят, махсусан вижагиҳои жанрии он баён намуда, дуруст қайд мекунад, ки ривоят ба он намудҳои асарҳои насри халқӣ мансуб аст, ки бо вуҷуди ҳаҷман хурд будани худашон, дорои мазмуни амиқ буда, баъзан чанд ҳодиса ва санади таърихиро нишон медиҳад. Бисёре аз расму оинҳо бо ривоятҳои халқӣ, ки дар бораи ашёи табиат ва шахсони таърихӣ гуфта мешаванд, дар ҳамбастагии зич қарор дошта, онҳо дар маҷмуъ ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва афкори маънавию фалсафии мардумро таҷассум мекунанд.

Дар баробари комёбиҳои зикргардида дар пажуҳиши номбурда баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасид, ки ифшои онҳо барои такмили минбаъдаи он аз фоида холӣ нест:

1. Дар автореферат баъзе норасоиҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд. Масалан баъзан муаллиф мубтадоро дар шакли ҷамъ ва хабарро дар шакли танҳо ва гоҳе баръакс меорад, ки ин ба матн коҳиши услубиро ба бор меоварад.

2. Дар қисматҳои алоҳида фикру андешаҳои муаллиф такрор омадаанд.

3. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ ақидаҳояшро бо мисолҳо ва далелу асноди муътамад тақвият мебахшид.

Камбудиҳои мазкур ислоҳпаванда буда, ҳусн ва арзиши илмии диссертатсияро ба ҳеҷ ваҷҳ коста намегардонанд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки таҳқиқоти анҷомёфта саҳифаи наве дар фолклоршиносии тоҷик ба шумор рафта, ҳосили тадқиқоти бисёрсолаи муаллиф дар мақолаҳои илмӣ, як китобу як маҷмуа дарҷ гардидаанд.

Дар умум, баъди шиносоӣ бо автореферат метавон ба хулосае расид, ки диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» ҷавобгӯи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти муосири МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Файзуллоев Н.

«12» марти соли 2025

**Маълумот барои тамос:**
Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил.Суғд, ш. Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков,1.
МДТ-и "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
Тел.: (+992) 98 -529- 73- 73

"Имзои пофессор Файзуллоев Н.-ро тасдиқ мекунам"

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш. Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков,1.
Тел.: (+992) 92 -805-70-07,

E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru

«12» марти соли 2025